# Чаро точикон як китобхона ва хазору як ошхонаи миллӣ доранд?

Муаллиф: Абдукодир Рустам
20.07.2015 06:25

Ин ки барои бандагони Худо Магз бар Шикам тарчех дорад, хакикати одист ва хар ки ин маън й надонад, кавдан аст. Аммо хамагон ин нуктаро низ медонанд, ки гуруснагии Шикам метавонад дар нихоят боиси марг бишавад, вале аглаби мардум гуруснагии Магзро хатто эхсос намекунанд ва тӯли умр боре хам магзашонро, ки маншаъи андеша ва дар баробари дил яке аз ду василаи шинохти ХУД ва Худост, гизо намедиханд. Ба ин далел аст, ки дар хар сари кадам чанд ошхонаву чойхонаву кахвахонаву ресторан дорем, аммо барои шуморидани теъдоди китобхона дар шахрхоямон ангуштони як даст хам кофист.

Ин нуктаро, албатта, на ба таъну интикод мегӯям, агарчи чойе барои андаке таънаву интикод хам хаст. Ин ки шумораи чойхонаву ошхонаву кахвахона бештар аз китобхонаву осорхонаву нигористону хунаристон аст, амрест мантикӣ ва набояст мавриди бахс бошад. Ва аммо ин ки бештари ошхонахои шахру рустохои моро «ошхонаи миллӣ» унвон кардаанд, боиси тааччубу тахайюр аст ва гайримантикиву хилоф бо акли солим.
Мо танхо як Донишгох ва як Китобхонаи миллӣ дорем, вале теъдоди ошхонахои миллиамонро касе наметавонад бишуморад! Унвони «миллӣ» дар номи муассисахои таълимиву фархангии кишвар аз суйе, ишора ба макоми вежаи онхо мекунад ва аз суйи дигар, баёнгари ахаммияти ин муассисахо барои кишвару миллат аст. Аммо ошхонахое, ки «миллӣ» унвон шудаанд, аз ошхонахои дигар, ки ин унвонро надоранд, чӣ тафовуте доранд? Ва ё ин ошхонахо сиёсати давлат дар риштаи масрафи гизоро таъйин мекунанд? Муъайян менамоянд, ки чӣ гизохое бояд шомили фехристи хӯрокхои миллӣ бошанд? Албатта не! Сохибони ин ошхонахо андешае ба чуз чалби бештари хурандагон ва гаме чуз чамъ овардани пули бештар надоранд. Ва ин хам амрест мантикӣ. Пас чаро ошхонаашонро «ошхонаи миллӣ» унвон кардаанд?! Бештари сохибони чунин ошхонахо, албатта посухе ба ин суол надоранд, китф дархам мекашанду мераванд. Ва аммо бархе хоханд гуфт: зеро дар ошхонаи мо гизохои миллӣ мепазанд! Ва мефахмем, ки онхо ибораи русии «национальная кухня»-ро ба тавре, ки фахмидаанд ва ба точикие, ки медонанд, тарчума кардаанд. Ин «тарчумонхо» ибораи русии «национальная кухня»-ро «ошхонаи миллӣ» фахмидаанд ва шояд намедонанд, ки «кухня»-и русӣ, на танхо ба маънои «бино (ё сохтмон) барои тахия ва пухтани гизо» аст, балки маънои «мачмуъи хӯрокхо»-ро низ дорад ва «национальная кухня» ба точикӣ «гизохои миллӣ» тарчума мешавад, на «ошхонаи миллӣ».
Хулоса: азбаски худи сохибони «ошхонахои миллӣ» китобу рӯзнома намехонанд ва ин навиштаро низ нахоханд хонд, аз масъулони кумитаи забон хохиш мешавад, ки овезахои галати «ошхонаи миллӣ»-ро аз болои дар ва пештоки ин бинохо бикананд ва талаб кунанд, ки сохибонашон онро ба гунаи «ошхонаи хӯрокхои (гизохои) миллӣ» ва ё факат «ошхона» ислох, бикунанд. Мутмаин бошанд, ки на шумораи муштариёнашон кохиш меёбад, на даромадашон камтар мешавад.